ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ МАТЕМАТИКА

Душанбе 2026

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-4 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Сулаймон Курбонов, Эраҷ Ҷонмирзоев

**Муҳаррир:** Собирзода Сафарбек

**Муқарризон:**

М. Азизова, сармутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни математика пешбинӣ шуда, дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф (стандарти таълимӣ ва стандарти фаннии математика) дар шакли модулӣ таҳия гардидааст. Барнома робитаи мантиқии машғулиятҳоро бо барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд.

Дар барнома навгониҳо дар соҳаи таълими математика, муносибат ва усулҳои истифодаи технологияҳои муосири таълим, технологияҳои инноватсионӣ, усулҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни математика, инчунин рушди маҳорати эҷодии хонандагону омӯзгорон дар шароити муосир ба назар гирифта шудаанд.

# Мундарича

Муқаддима……………………………………………………………….4

**Боби 1**. Муқаррароти умумӣ…………………………….....................6

**Боби 2.** Мақсад ва вазифаҳои барнома .............................7

**Боби 3.** Сохтор ва мазмуни барнома ................................9

Нақшаи мавзуӣ ва барномаи курс ………………………..…10

Адабиёт ...................................................................18

## Муқаддима

Татбиқи навовариҳои муосир дар соҳаи сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҷдиди муносибатҳои сохторӣ ва методӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим на танҳо омодагии қабули тағйирот, балки сатҳи баланди касбиро тақозо мекунад.

Ғайр аз ин, роҳҳои нави самарабахши такмил додани системаи маорифро фаъолона кор карда баромадан лозим аст. Маориф дар ҷаҳони муосир дар рушди ҷомеа мавқеи асосиро ишғол намуда, математика ҳамчун фанни таълимӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон нақши асосиро мебозад.

Барномаи пешниҳодшуда барои таҳкими салоҳияти касбии омӯзгорони фанни математика ва баланд бардоштани сифати таълим дар асоси принсипҳои муносибати босалоҳият ва фароҳам овардани фазои мусоиди таълимӣ таҳия шудааст. Муносибати салоҳият, ки асоси барномаро ташкил медиҳад, ба ташаккули малакаҳои амалӣ, дониш ва салоҳиятҳои асосӣ дар хонандагон нигаронида шудааст. Дар доираи барнома омӯзгорони фанни математика принсипҳои асосии ин муносибатро аз худ намуда, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои интерактивиро барои гузаронидани дарсҳо меомӯзанд.

Банақшагирии дарсҳои математика бо истифода аз муносибати босалоҳият дар таълим дар ташаккули малакаҳои зарурии хонандагон мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Барнома ба омӯзгор усулҳо ва технологияҳои муосирро пешниҳод мекунад, аз қабили муносибати проблемавӣ, ки барои ҳалли мушкилоти воқеӣ ва таҳлили ҳолатҳои гуногун нигаронида шудааст. Ворид намудани ин усулҳо ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва мустақилият мусоидат мекунад.

Дар барнома усулҳои ҳалли масъалаҳо низ мавқеи калонро ишғол мекунанд. Он ба инкишоф додани қобилияти таҳлил, кори мустақилона ва таҷриба нигаронида шудааст.

Омӯзгор пайвастани дарсҳои амалиро меомӯзанд, тафаккури фазоии хонандагонро бо истифода аз моделҳои математикӣ инкишоф медиҳанд ва барои тасаввур кардани мафҳумҳои мураккаб аз маводи аёнӣ истифода мебаранд.

Диққати махсус ба муносибати системавӣ дода мешавад, ки ба хонандагон имкон медиҳад, ки фаҳмиши ҳамаҷонибаи мавзӯъҳои омӯхташавандаро ташаккул диҳанд. Муносибати системавӣ ба омӯзгор дар фароҳам овардани муҳити таълимӣ, ки ба рушди малакаҳои ҳамаҷонибаи хонандагон мусоидат мекунад, кӯмак мерасонад.

Маводҳои аёнӣ унсури муҳими амиқтар кардани дониш, такмил додани маҳорати кори мустақилона ва ташаккули тафаккури фазоӣ ба ҳисоб мераванд.

Супоришҳои тестӣ ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки таълим ба барнома дохил карда шудаанд. Онҳо барои ташаккули салоҳияти хонандагон дар соҳаи математика хизмат карда, инчунин ба омӯзгорон дар баҳодиҳии сатҳи дониш ва малакаи азхудкунии онҳо кӯмак мерасонанд.

Дар барнома аҳамияти худомӯзии касбии омӯзгор қайд карда шудааст. Ин ҷиҳат омӯзгоронро водор месозад, ки маҳорати худро мунтазам такмил дода, ба талаботи низоми муосири таълим ҷавобгӯ бошанд.

Нақшаҳои рушди инфиродӣ, истифодаи курсҳои онлайн, нашрияҳои илмӣ ва платформаҳои электронӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки омодагии касбии худро пурзӯр кунанд.Усулҳои инноватсионии ҷалби фаъоли хонандагон, аз ҷумла бозиҳои математикӣ, ҷузъи муҳими раванди таълим мегарданд. Ин бозиҳо ба рушди

тафаккури таҳлилӣ, салоҳиятҳои асосӣ ва васеъ гардидани ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат мекунанд.

Таҳсилоти фарогир боз як принсипи муҳими барнома мебошад, ки ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳамаи хонандагон, новобаста аз хусусиятҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва ҷисмонии онҳо нигаронида шудааст. Истифодаи бозиҳои математикӣ дар якҷоягӣ бо муносибати фарогир на танҳо сифати таълимро беҳтар мекунад, балки ба таҳкими салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат мекунад. Омӯзгорон бо истифода аз ин усулҳо метавонанд барои ҳамаи хонандагон муҳити пурмазмун ва дастраси таълимӣ фароҳам оваранд, ки ба ташаккули насли шаҳрвандони босалоҳият ва масъулиятшинос, ки қодир ба ҳалли мушкилоти глобалӣ мебошанд, мусоидат намояд.

Ҳадафи асосии барнома рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон дар шароити низоми муосири маориф мебошад. Он ба омӯзгорон воситаҳои баланд бардоштани сифати таълимро тавассути истифодаи усулу технологияҳои навтарин фароҳам меорад.

Натиҷаи ҳамин аст, ки омӯзгори математика раванди таълимро пурсамар ташкил карда, онро ба сатҳи баланд бардошта, омӯзишро пурмазмуну пурмаҳсул гардонанд.

**Боби 1. Муқаррароти умумӣ**

Барнома барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанни математика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълим ва муносибати босалоҳият дар таълим пешбинӣ шудааст. Мақсади асосии он ташаккул додани малакаҳои амалии таълим, татбиқи фаъолонаи технологияҳои инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароит барои муҳити самараноки таълимӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат мекунад, мебошад.

## Боби 2. Мақсад ва вазифаҳои барнома

**Мақсади барнома:** Вазифаҳои асосии барнома баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанни математика тавассути истифодаи усулҳои муосири таълим, технологияҳои инноватсионӣ ва таваҷҷӯҳ ба муносибати босалоҳият дар таълим мебошад. Дар барнома ба баланд бардоштани сифати таълим, ташаккул додани малакаҳои муҳим дар хонандагон ва фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда шудааст.

**Вазифаҳои барнома**

1. Омӯзгорро бо принсипҳои асосии муносибати босалоҳият дар таълим шинос намуда, аҳамияти онро дар таълими математика таъкид намояд. Мусоидат ба рушди малакаҳо барои ташкили муҳити таълимӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат мекунад. Ворид кардани усулҳои фаъол дар раванди таълим, ба монанди омӯзиши мушкилот ва технологияҳои интерактивӣ.

2. Ташкили омӯзиш барои омӯзгорон оид ба ташаккули вазъиятҳои таълимӣ, ки ба ташаккули тафаккури интиқодӣ ва мустақилияти хонандагон нигаронида шудааст. Роҳҳои самараноки дохил кардани супоришҳо ва ҳолатҳои воқеӣ ба амалияи таълимро нишон додан. Тарзи мутобиқ кардани маводи таълимӣ ба сатҳҳои гуногуни омодагии хонандагонро омӯзондан.

3. Омӯзгор бо асосҳои таълими STEAM ва татбиқи он дар таълими математика шинос карда шаванд. Ташаккул додани малакаҳо дар муносибати байнисоҳавӣ, ки математикаро бо донишҳои илмӣ, технология, муҳандисӣ, санъат ва худи математика муттаҳид мекунад. Пешниҳоди супоришҳо ва лоиҳаҳои амалӣ барои рушди тафаккури эҷодӣ ва таҳлилӣ дар хонандагон.

4. Омӯзгорро бо усулҳои муосири арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон шинос намояд. Барои ба онҳо азхуд кардани усулҳои истифодаи тестҳо,

супоришҳои лоиҳавӣ ва портфелҳо барои арзёбии объективии сатҳи рушди салоҳият. Ҷорӣ намудани технологияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда, ки ба пайгирии пешрафти инфиродии ҳар як хонанда мусоидат мекунад.

**Натиҷаҳои интизории барнома**

Барнома воситаи муҳими болоравии касбии омӯзгорон, таъмини онҳо бо донишҳои зарурӣ ва муносибатҳои амалӣ барои баланд бардоштани сифати таълими математика, татбиқи технологияҳои инноватсионии таълимӣ ва ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мегардад.

Модулҳои таълимӣ ба якчанд ҷанбаҳои асосӣ тамаркуз мекунанд:

1.Омӯзгорон асосҳои муносибати босадоҳият дар таълимро, ки дар таълими математика амалӣ мегардад, аз худ мекунанд. Ин барои ташаккули малакаҳои муҳимтарини хонандагон тавассути муҳити тавассути муҳити самараноки таълим шароит фароҳам меорад. Омӯзгорон дар истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла муносибати проблемавӣ ва истифодаи технологияҳои интерактивӣ малакаҳо пайдо мекунанд, ки ҷалб ва таваҷҷуҳи онҳоро ба ин фан афзоиш медиҳад.

2.Диққати махсус ба рушди вазъиятҳои таълимӣ, ки ба фаъолсозии тафаккури интиқодӣ ва муносибати мустақилонаи хонандагон нигаронида шудааст, дода мешавад. Ба омӯзгорон усулҳои истифодабарии супоришҳои воқеӣ ва усулҳои кейс пешниҳод карда мешавад, ки ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишҳои назариявии гирифтаашро дар фаъолияти амалӣ истифода баранд. Илова бар ин, омӯзгор мутобиқ кардани маводи таълимиро барои сатҳҳои гуногуни таълим, ҷорӣ кардани муносибати ҳамгироии таълим меомӯзанд.

3. Барнома омӯзиши консепсияҳои STEAM (илм, технология, муҳандисӣ, санъат ва математика) дар бар

мегирад. Омӯзгор имкон пайдо мекунанд, ки унсурҳои муносибати байнисоҳавӣ дар таълими математика ба таври маҳдуд ҷорӣ карда, мавзӯъро бо супоришҳои амалии дигар соҳаҳо пайваст кунанд. Ин ба хонандагон тавассути татбиқи лоиҳаҳо ва супоришҳои амалӣ ба ташаккули тафаккури эҷодӣ ва таҳлилӣ мусоидат мекунад.

4. Омӯзгорон бо системаи муосири баҳодиҳии дастовардҳои таълимии хонандагон шинос карда мешаванд. Барнома усулҳои санҷиш, портфолио ва корҳои лоиҳавиро барои ба таври объективӣ муайян кардани сатҳи азхудкунии маводҳои хонандагон дар бар мегирад. Диққати махсус ба арзёбии ташаккулдиҳанда дода мешавад, ки пешрафти инфиродии ҳар як хонандаро дастгирӣ мекунад. Ҳамин тариқ, барнома ҷанбаҳои асосии такмили ихтисоси омӯзгоронро ҳамаҷониба фаро гирифта, ба раванди таълиму тарбия бештар замонавӣ ва босифат мусоидат мекунад.

## Боби 3. Сохтор ва муҳтавои барнома

Барнома панҷ модулро дар бар мегирад, ки ҳар яки онҳо ба рушди малакаҳои ибтидоии касбии омӯзгорони фанни математика ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим бахшида шудаанд. Маводҳо дастур барои тренер, презентатсияҳо, вазифаҳо барои таҳлили натиҷаҳои интизоршаванда ва варақаҳои тақсимотро дар бар мегиранд.

Ҳадафи асосии барнома мусоидат ба такмили ихтисоси омӯзгорони фанни математика, ҷорӣ намудани муносибатҳои инноватсионӣ ва ташаккули муҳити истеҳсолии таълимӣ мебошад, ки ба рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат мекунад.

**Нақшаи мавзӯӣ ва барномаи курси баланд бардоштани салоҳияти касбии омӯзгорони математика дар заминаи муносибати босалоҳият ва муҳити таълим**

| Модул | Мавзуъ | Миқдори соат |
|---|---|---|
| **Шарҳи умумии курс (2 соат)** | Шарҳи курс: ҳадаф, вазифа, хусусиятҳои усулҳои таълим. Баррасии сохтори модули таълимӣ. Ҷанбаҳои ташкилӣ: муҳити омӯзишӣ, гурӯҳҳои корӣ, муқаддима. Саволнома то оғози курс. | 2 |
| **1. Муносибати басалоҳият ва муҳити таълим дар омӯзиши математика (8 соат)** | 1.1. Мушкилот ва тазодҳои таҳсилот дар замони муосир | 2 |
| | 1.2. Муносибати босалоҳият: дарси математика ва нақши омӯзгор чӣ гуна тағйир меёбад | 2 |
| | 1.3. Муҳити таълим ва омӯзиш: чаро онҳо муҳиманд ва ба муносибати босалоҳият чӣ алоқамандӣ доранд? | 2 |
| | 1.4. Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ: воситаҳо барои омӯзгори фанни математика | 2 |
| **2. Муҳити** | 2.1. Омӯзиш ва муҳити физикии таълим | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| **физикии таълим ва алоқамандии он бо таҷрибаи омӯзгорон** **(8 соат)** | 2.2. Аҳамияти муҳит дар таълим | 1 |
| | 2.3. Муҳити физикии таълим дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 1 |
| | 2.4. Тарҳрезии фазои синфхона барои татбиқи омӯзиши фаъол | 1 |
| | 2.5. Роҳҳои фаъолсозии муассисаи таҳсилоти умумӣ ҳамчун муҳити таълим | 1 |
| | 2.6. Аз муҳит то амал: гузариш ба амал | 1 |
| | 2.7. Тарҳрезии муштарак бо иштироки хонандагон | 1 |
| | 2.8. Истифодаи амалии усулҳои «Тафаккури тарроҳӣ» | 1 |
| **3. Тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ барои рушди салоҳиятҳо дар омӯзиши фанни математика** **(15 соат)** | 3.1. Вазъияти таълимӣ ҳамчун усули таълими математика | 3 |
| | 3.2. Рушди тафаккури интиқодӣ дар таълими математика | 3 |
| | 3.3. Супоришҳои эҷодӣ аз геометрия ва алгебра | 3 |
| | 3.4. Муоширати ва ҳамкорӣ дар математика | 3 |
| | 3.5. Муносибати STEAM дар таълими математика | 3 |
| **4. Методикаи** | 4.1. Истифодаи самараноки | 8 |

| | | |
|---|---|---|
| **истифодаи китоби математика (синфи 5) (8 соат)** | китоби дарсии насли нав. Мазмун ва моҳияти маводи нави таълимӣ | |
| **5. Арзёбии дастовардҳои таълимӣ дар татбиқи муносибати босалоҳият (6 соат)** | 5.1. Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда | 3 |
| | 5.2. Арзёбии салоҳиятҳои асосӣ **(4К+)** дар дарси математика | 3 |
| **Хулосаи курс (2 соат)** | Ман дар давоми курс чиро омӯхтам?, Барои ман чӣ нав буд?, Кадом воситаҳоро омодаам истифода барам?, Ду ситора ва як орзу. Варақаи санҷиши иштирок дар курс. Бахши худбаҳодиҳӣ: «Акнун ман метавонам...». | 2 |
| **Ҳамагӣ**. | | 48 |

## Барномаи таълимии курси модулии омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик
## (такмили дониш, малака ва махорати касбии омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик)

### Модули 1. Муносибати босалоҳият ва муҳити таълим дар омӯзиши фанни забон ва адабиёти тоҷик

Модули аввал ба омӯзиши равишҳои муосири таълим ва муҳити омӯзишии муассир бахшида шудааст. Он аз **чор мавзуи калидӣ** иборат аст, ки ҳар кадом ба таҳкими салоҳиятҳои омӯзгор ва табдили дарс ба фазои маърифатӣ мусоидат мекунанд.

**Мавзуи 1.1.** Тазодҳои таҳсилот дар замони муосир

Дар ин мавзуъ омӯзгорон бо мушкилоти калидии маорифи муосир шинос мешаванд: сарбории барномаҳо, куҳнашавии донишҳо, коҳиши ангезаи хонандагон. Ин зиддиятҳо ҳамчун нуқтаҳои рушд баррасӣ мешаванд, ки омӯзгорро ба таҷдиди равишҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳои нав ҳидоят мекунанд.

**Мавзуи 1.2.** Муносибати босалоҳият: дарсҳои забону адабиёт ва нақши омӯзгор чӣ гуна тағйир меёбанд?

Мавзуъ ба шарҳи моҳияти муносибати бослаоҳият дар таълим бахшида шудааст. Дарсҳо бояд ба фазои таҳқиқ, баҳс ва ҷустуҷӯйи муштараки ҷавобҳо табдил ёбанд. Омӯзгор аз нақши иттилоотдиҳанда ба роҳнамо ва ташкилкунандаи муҳити таълим мегузарад. Хонанда на танҳо шунаванда, балки. иштирокчии фаъол мешавад,

**Мавзуи 1.3.** Муҳити таълим ва омӯзиш: чаро онҳо муҳиманд ва чӣ гуна бо муносибати босалоҳият алоқамандӣ доранд

Омӯзгорон меомӯзанд, ки муҳити равонӣ, иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ чӣ гуна ба рушди салоҳиятҳо таъсир мерасонад. Унсурҳои муҳити мусоид — озодӣ дар интихоб, фазои ҳамкорӣ, кор бо маълумоти воқеӣ ва супоришҳои таҳқиқотӣ муҳити дарсро ба фазои ҳамкории маърифатӣ табдил медиҳанд.

**Мавзуи 1.4.** Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ: воситаҳо барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик

Мавзуъ ба омӯзиши захираҳои электронӣ, платформаҳои онлайн ва воситаҳои зеҳни сунъӣ бахшида шудааст. Омӯзгорон мефаҳманд, ки чӣ гуна ин воситаҳо метавонанд муҳити таълимро фарогир, шавқовар ва самаранок гардонанд. Зеҳни сунъӣ ҳамчун ёвари методӣ дар таҳияи мавод ва арзёбӣ истифода мешавад.

## Модули 2. Муҳити физикии таълим ва алоқамандии он ба таҷрибаи омӯзгорон

Модули дуюм ба нақши муҳити физикӣ дар ташаккули муҳити омӯзишии самаранок ва таҷрибаи омӯзгорон бахшида шудааст. Дар **мавзуи 2.1** муҳити физикӣ ҳамчун омили калидӣ баррасӣ мешавад — равшанӣ, ҳарорат, садо ва тарҳрезии фазо ба ҳавас, таваҷҷуҳ ва амнияти хонандагон таъсир мегузорад.

**Мавзуи 2.2** ба вазъи муҳити таълимӣ дар Тоҷикистон нигаронида шудааст. Дар бисёр мактабҳо, бахусус дар деҳот, мушкилоти инфрасохторӣ ба сифати таълим ва саломатии хонандагон таъсир мерасонанд. Беҳтарсозии муҳит як иқдоми стратегӣ барои таъмини таҳсилоти босифат аст.

Мавзуи 2.3 тарҳрезии муҳити омӯзиши фаъолро шарҳ медиҳад. Синфхонаҳо бояд имкони гурӯҳбандӣ,

муҳокима ва истифодаи технологияро фароҳам оранд. Муҳит бояд фарогир ва инклюзивӣ бошад.

**Мавзуи 2.4** мактабро ҳамчун муҳити умумии таълимӣ мебинад. Ҳар гӯша — китобхона, саҳн, долон — метавонад ба фазои омӯзиш табдил ёбад.

**Мавзуи 2.5** гузариш аз фазо ба амалро шарҳ медиҳад: муҳит бояд функсионалӣ бошад ва омӯзгорон нақши тарроҳро иҷро кунанд.

**Мавзуи 2.6** тарҳрезии муштарак бо иштироки хонандагонро баррасӣ мекунад, ки ҳисси масъулият ва эътимодро тақвият мебахшад.

**Мавзуи 2.7** амалиёт ва ҷамъбасти модулро фаро мегирад — бо истифодаи методологияи тафаккури тарроҳӣ, хонандагон мушкилотро таҳлил ва ҳал мекунанд.

## Модули 3. Вазъиятҳои таълим барои рушди салоҳиятҳои калидӣ дар таълими забон ва адабиёти тоҷик

Модули сеюм ба таҳияи вазъиятҳои таълимӣ ҳамчун воситаи асосии рушди салоҳиятҳои калидӣ равона шудааст. Дар **мавзуи 3.1.** вазъияти таълим ҳамчун ҷузъи муҳити омӯзишӣ баррасӣ мешавад — на танҳо барои санҷиши дониш, балки барои таҳлил, интихоби ҷавоб, баёни андеша ва овардани далел. Мавзуъҳои грамматикӣ, аз ҷумла сарфу наҳв, метавонанд ба мазмуни вазъиятҳои воқеӣ табдил ёбанд.

**Мавзуи 3.2.** нишон медиҳад, ки таълими ҷумлаҳои мураккаб на танҳо омӯзиши грамматикӣ, балки воситаи рушди тафаккури таҳлилӣ ва муоширати мураккаб мебошад. Хонандагон меомӯзанд, ки чӣ гуна ин сохторҳо дар ибрози андеша ва таҳрири матн нақш мебозанд.

**Мавзуи 3.3.** усули кейс-стадиро ҳамчун воситаи таҳкими тафаккури интиқодӣ ва салоҳиятҳои маърифатӣ муаррифӣ мекунад. Хонандагон дар вазъиятҳои мушкил маълумотро таҳлил мекунанд, робитаҳои сабабу натиҷаро

меҷӯянд ва хулосаҳои мантиқӣ тартиб медиҳанд. Кейсҳо дар асоси матнҳои адабӣ ва забонӣ, забонро бо арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ пайванд медиҳанд.

## Модули 4. Истифодаи китоби дарсии насли нав аз фанни забони тоҷикӣ дар синфи 5

Модули чоруми барнома дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим — асоси таҳсилоти босифат» бо дастгирии ЮНИСЕФ таҳия шуда, ба омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ дар синфи 5 нигаронида шудааст. Ҳадафи асосии он — баланд бардоштани маҳоратҳои касбии омӯзгорон дар истифодаи эҷодӣ ва самараноки китоби дарсии насли нав мебошад.

**Мавзуи 4.1** ба омӯзиши принсипҳои истифодаи китоби дарсии нав бахшида шудааст. Иштирокчиён мефаҳманд, ки ин китоб на танҳо манбаи дониш, балки воситаи фаъолсозии муҳити таълим ва ташаккули салоҳиятҳои хонандагон аст. Омӯзгорон меомӯзанд, ки чӣ гуна мазмуни китобро ба вазъиятҳои таълимӣ пайванд диҳанд ва хонандагонро ба таҳлил, муҳокима ва эҷодкорӣ ҳидоят кунанд.

**Мавзуи 4.2** мазмун ва моҳияти маводи нави таълимиро шарҳ медиҳад. Панҷ марҳилаи рушди салоҳият — аз шиносоӣ то татбиқи мустақил — таҳлил мешавад. Омӯзгорон фарқияти байни маводи анъанавӣ ва насли навро меомӯзанд, нақши хонанда ва омӯзгорро дар ҳар марҳила муайян мекунанд ва имкониятҳои нави таълимиро дарк менамоянд.

Модули мазкур омӯзгоронро ба сӯи истифодаи эҷодӣ ва таҳлилгаронаи маводи муосир раҳнамоӣ мекунад, то ки онҳо муҳити таълимии фаъол, фарогир ва ба салоҳиятҳо нигаронидашударо фароҳам оваранд.

## Модули 5. Арзёбии дастовардҳои таълимӣ дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим

Модули панҷуми барнома ба масъалаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун раванди таълимӣ бахшида шудааст. **Мавзуи 5.1** «Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда» ба асосҳои методологии арзёбии раванди таълим равона шудааст. Масъалаи баррасии он ин дар бораи он, ки арзёбии ташаккулдиҳанда на танҳо воситаи санҷиши дониш, балки абзори рушди салоҳиятҳои хонанда мебошад. Принсипҳои асосӣ — мунтазамӣ, шаффофият, баробарӣ ва такмили фардӣ — ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки раванди таълимро самаранок назорат ва танзим намояд.

**Мавзуи 5.2** «Методҳои арзёбии салоҳиятҳои калидӣ дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик» усулҳои мушаххаси арзёбиро дар заминаи фанни забон ва адабиёти тоҷик шарҳ медиҳад. Он ба омӯзгорон тавсия медиҳад, ки барои арзёбии маҳорату малакаҳои фикрронӣ, таҳлили матн ва муошизрати самаранок аз салоҳиятҳои гуногун, аз ҷумла тафаккури интиқодӣ, воситаҳои арзёбӣ, мисли варақаҳои мушоҳида ва санҷишӣ, саволу ҷавоб ва корҳои эҷодӣ истифода баранд. Мавзуъ барои омӯзгор дар баланд бардоштани сифати таълим ва рушди шахсияти хонанда ёрӣ мерасонад.

## Адабиёт


1. Аминов С. Забони тоҷикӣ. Синфи 8. –Душанбе: Маориф, 2023.
2. Анварӣ С., Мирзоев А., Ғаффоров А. Забони тоҷикӣ. Синфи 6. –Душанбе: Маориф, 2023.
3. Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI. Душанбе, 2007, 72. саҳ.
4. Бобомуродова, М. Дастури методӣ аз методикаи таълими забони тоҷикӣ – Душанбе: ҶДММ “ЭР-граф”, 2025. – 344 с.
5. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2021.
6. Мирзод Т., Ҳамидов Р., Пирзод М., Мирзода Ф. Адабиёти тоҷик. Синфи 5. –Душанбе: Маориф, 2022.
7. Мирзод Т.,Давлатзода С., Мирзода Ф. Адабиёти тоҷик. Синфи 9. –Душанбе: Маориф, 2023.
8. Миров Т., Исломов Ш., Хоҷаев Қ. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1991.
9. Муллоев А. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2016.
10. Набизода С., Бобомуродов Ш., Сабзаев С. Забони тоҷикӣ. Синфи 5. –Душанбе: Маориф, 2023.
11. Наимбоев С. Хониши ифоданок. – Душанбе, 1992.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (2024) — дар бораи ислоҳоти маориф, рақамикунонӣ ва рушди сармояи инсонӣ
13. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ., Қурбонов С. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ . -Душанбе, 2007.- 376 с.
14. Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. (Муаллифон: Аминов С., Мухторӣ Қ., Тошбоева З., Мирзоёров Ф).
15. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
16. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст)
17. Тоиров У., Солеҳов М. Адабиёти тоҷик. Синфи 10. – Душанбе: Маориф, 2021.
18. Тоҳирӣ Хоҷа Қурбон. Адабиёти тоҷик. Синфи 6. – Душанбе: Маориф, 2022.
19. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2016. – 488 с.
20. Шербоев С. Практикуми забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 208 с.

**Сомонаи интернетӣ:**

1. Вазорати маориф ва илми ҶТ. Барномаҳо, стратегияҳо ва хабарҳои расмӣ: https|\\maorif.tj